**Тақризи**

**роҳбари илмӣ оид ба диссертатсияи Кабиров Шарифбек Абдусаломович дар мавзуи «Хусусиятҳои тарҷумаи мафҳумҳо, вожаҳо ва ибораҳои варзишӣ аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ–таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи Кабиров Шарифбек Абдусаломович фарогири яке аз масъалаҳои муосир, мубрам ва баҳсноки илми забоншиносӣ, яъне хусусиятҳои тарҷумаи мафҳумҳо, вожаҳо ва ибораҳои варзишӣ мебошад ва ба шиносномаи ихтисоси илмӣ ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ–таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мутобиқат менамояд.

Дар даҳсолаи охир дар масъалаҳои марбут ба илми забоншиносии қиёсӣ зери назари забоншиносони тоҷик таваҷҷуҳи зиёд шудааст. Зеро масъалаи омӯзиш ва муайян кардани усулҳои тарҷума аз забони англисии бритонӣ ва америкоӣ ба забони тоҷикӣ мебошад. Боиси таъкид аст, ки роҳбарон ва роҳнамоёни муҷаддидини замон равзанаи имконияти дигареро барои таҳлилу тадқиқи чунин осор пешкаш мекунанд, ки боиси дастгирӣ ва қобили идома додан мебошад. Ин имконият барои ҳаллу фасли илмии масъалаҳои муштараки осори шифоҳӣ ва китобӣ, дарёфти нуқтаҳои муштараки онҳо дар тасвири ҳаёти воқеӣ ва муайян намудани дараҷаи хизмати онхо ба ҷомеаи муосир фароҳам оварда шудааст. Солҳои охир тадқиқоти арзишманде дар ин самт барои илми забоншиносии тоҷик ба таври умум пешниҳод гардидаанд, ки кори диссертатсионии мавриди назари муҳаққиқ аз ҷумлаи онҳо ба шумор меравад.

Диссертатсияи барои тақриз пешниҳодгардида, ба қалами муҳаққиқи Кабиров Шарифбек Абдусаломович тааллуқ дошта, ба «Хусусиятҳои тарҷумаи мафҳумҳо, вожаҳо ва ибораҳои варзишӣ аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ» бахшида шуда, дар шароити кунунӣ мавзуи мубрам ва зарурист.

Дар айни замон муҳаққиқони зиёде ба таҳқиқу омӯзиши мафҳумҳо, вожаҳо ва ибораҳои варзишӣ забони англисӣ машғул буда, дар натиҷа мақом, мазмун, вазифаҳо ва хусусиятҳои забонии онҳоро муайян намудаанд. Вожаи англисии «sport» мухтасар аз «dissport» ба маънои бозӣ, вақтхушӣ дар асрҳои XV – XVI ташаккул ёфтааст. Вожаи «dissport»

бошад, маншаи худро аз калимаи қадимаи фаронсавии «desport», deport (ҳаловат бурдан аз солҳои 1300, яъне асри XIV маълум буд) мегирад.

Ба ҳамин тариқ, калимаи англисии «sport» дар ибтидои пайдоиши худ на ба маънои варзиш, балки ба маънои хушҳолӣ, вақтхушӣ, машғулият, бозӣ истифода мешуд ва дар истифодаи маъмулӣ дар ҷомеа ҷой дошт.

Ба ақидаи муаллиф мушоҳидаҳо имкон доданд, муайян намоем, ки ба луғоти соҳаи варзиш бештар калимаву истилоҳоте, ки рӯзноманигорон ва варзишгаронро ифода менамояд, ворид мешаванд, ки пайгирии онҳо барои тарҷумон душворӣ эҷод менамояд. Яке аз хусусиятҳои хосси мафҳумҳои варзишӣ вобаста ба касб истифода шудан ва дар луғатҳо ҷой нагирифтани онҳо маҳсуб меёбад.

Бояд қайд намуд, ки оид ба нақш, мақом, вазифаҳо, хусусиятҳои тарҷумаи мафҳумҳо, вожаҳо ва ибораҳои варзишӣ миёни донишмандон баҳсу назарияҳои гуногун вуҷуд дошта, то ҳол идома дорад.

Муҳаққиқ дар рисола омӯзиши назариявӣ ва амалии хусусиятҳои тарҷумаи мафҳумҳо, вожаҳо ва ибораҳои варзишӣ, дар таҳқиқоти олимони шуравӣ ва рус А. В. Алексеев, Г. И. Атаманова, Л. С. Бархударов, Н. Н. Бобирова, С. В. Гринев, А. М. Гуреева, А. А. Елистратов, В. Н. Комисаров, А. А. Малуш, Е. В. Птушкина ва муҳаққиқони аврупой, аз ҷумла А. Аурбеч, Е. Берсес, Ҷ. Китфор, М. Милик ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Паҳлуҳои гуногуни мафҳумҳо, вожаҳо ва ибораҳои варзишӣ ҳамчун зуҳуроти забони англисӣ ва лексикаи махсус таҳқиқ ва баррасӣ гаштаанд.

Дар натиҷаи баррасии мавзуъ аз ҷониби диссертант 5 нуктаи муҳим ба сифати навгонӣ муайян шудаанд, ки боиси дастгирист. Бояд қайд намуд, ки хулоса ва тавсияҳои илмие, ки дар диссертатсия иншо шудаанд бо методологияи муносибати системавӣ, консепсияи илмии ташхиси забоншиносӣ асоснок карда шуда, ба методҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот такя мекунад, ки бешак ҳамчун маводи зарурӣ ҷиҳати татбиқ дар истеҳсолот кумак мекунанд.

Муаллиф дар муқаддима муҳиммияти мавзуъ, дараҷаи таҳқиқи он, ҳадафҳо ва вазифаҳо, навоварии кори илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, методҳои таҳқиқ, нуқтаҳои асосии диссертатсия, дараҷаи муътамадӣ ва санҷиши натиҷаҳои диссертатсияро таҳлил кардааст.

Қобили зикр аст, ки довталаб Кабиров Ш.А. аз уҳдаи мустақилона гузаронидани корҳои таҳқиқотӣ, таҳлили илмии натиҷаҳои ба даст

омада ба хубӣ баромада, дар раванди гузаронидани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ таҷрибаи хуб нишон дода, ба натиҷаҳои назарраси илмӣ ноил гардидааст.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Кабиров Шарифбек Абдусаломович дар мавзуи «Хусусиятҳои тарҷумаи мафҳумҳо, вожаҳо ва ибораҳои варзишӣ аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ» таҳқиқоти илмии бaанҷомрасида буда, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мебошад.

**Роҳбари илмӣ**: номзади илмҳои филологӣ,
дотсент, декани факултети тарҷумонии
забонҳои Шарқи Донишгоҳи байналмилалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода Ҳасанова Шаҳло Раҳмоновна

Имзои Ҳасанова Шаҳло
Раҳмоновнаро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи
Сотим Улуғзода Халифаев Фазлиддин Насруллоевич

**Нишонӣ:**
734019, ш. Душанбе,
к. Муҳаммадиев17/6
Нишонии электронӣ: laylo.hasanov@mail.ru
Телефон: (+992) 919-22-55-04

02 ноябри соли 2024